**ХУЛОСАИ НИҲОӢ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илми номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шурои диссертатсиони аз 22 апрели соли 2025, №81

Барои сазовор донистани Атаев Акмалхон Саидумарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзӯи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар таърихи 28 январи соли 2025 (суратҷаласи №73) аз тарафи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17, Фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022 №16/шд) (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шуд.

Унвонҷӯ Атаев Акмалхон Саидумарович 14 январи соли 1982 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2004 шӯъбаи рӯзонаи факултети тиҷорат ва ҳуқуқи филиали дар шаҳри Хуҷанд будаи Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Айни ҳол омӯзгори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсия – «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» аз 26-уми январи соли 2017 (протоколи № 5) дар шурои олимони Донишгохи давлатии хукук, бизнес ва сиёсати Точикистон тасдиқ гардидааст ва соли 2021 ба кафедраи хукуки граждании ДМТ интикол ёфта, таҳқиқотро дар ҳамин кафедра идома додаст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст ва (аз санаи 28.12.2024 протоколи №05) ба ҳимояи такрорӣ тавсия дода шудааст

**Роҳбари илмӣ:**

**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқarризони расмӣ:**

- **Бобозода Ҷамрод Қурбон-** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- **Сидиқов Дилшод Ахророович-** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Словянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ш. Душанбе), дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (12.00.03 - Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода карда шудааст ва аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдуҷалилов А, ва котиби ҷаласа лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти мазкур Шарипова М.А. имзо шуда, аз тарафи директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми фалсафа Маҳмадизода Н.Д., тасдиқ карда шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз тарафи унвонҷӯ 9 мақолаҳои илмӣ дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расидааст.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Атаев, А.С. Баъзе масъалаҳои табиати ҳуқуқии категорияи «пешкаш намудани хизматрасонии коммуналӣ» [Матн] / А.С. Атаев // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №7. – С. 252-256. ISSN 2413-5151.

**[2-М].** Атаев, А.С. Общая характеристика договора энергоснабжения [Текст] / А.С. Атаев // Академический юридический журнал. – 2021. – №1 (37). – С. 205-211. ISSN 2305-0535.

**[3-М].** Атаев, А.С. Договор управления многоквартирными домами: понятие, правовая природа и содержание [Текст] / А.С. Атаев // Законодательство. – 2021. – №2. – С. 38-46. ISSN 2410-2903.

**[4-М].** Атаев, А.С. К вопросу о понятии, содержании и субъектного состава договора энергоснабжения: теоретико-правовой аспект [Текст] / А.С. Атаев // Вестник ТГУПБП. – 2021. – №3. – С. 113-124. ISSN 2411-1945Х.

**[5-М].** Муртазозода Ҷ.С., Атаев А.С. Оид ба масъалаи хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ. [Матн] / Ҷ.С. Муртазозода., А.С. Атаев. //Ҳаёти ҳуқуқӣ. Апрел-июн 2023. -№ 2 (42).- С. 78-89. ISSN 2307 – 5198.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[6-М].** К вопросу понятия и структуры платы за жилое помещение [Текст] / А.С. Атаев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ таҳти унвони «Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои илмӣ». Қисми 1. – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 222-226.

**[7-М].** Атаев, А.С. Моҳияти назариявӣ-ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ [Матн] / А.С. Атаев // Маводи конференсияи анъанавии илмӣ-амалии донишгоҳии «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккуёбии иқтисодиёти рақамӣ» (22-25 апрели соли 2020). – Хуҷанд, 2020. – С. 98-102.

**[8-М].** Атаев, А.С. Манбаъҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ [Матн] / А.С. Атаев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ», ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ (18-21 апрели соли 2023). – Хуҷанд, 2023. – С. 40-45.

**[9-М].** Атаев, А.С. Танзими шартномавии таъмини энергияи гармӣ [Матн] / А.С. Атаев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон таҳти унвони «Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ», ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ (18-21 апрели соли 2023). – Хуҷанд, 2023. – С. 72-77.

Тақризҳо ба автореферати диссертатсия ба Шурои диссертатсиони аз шахсони зерин ворид шуданд:

**Саъдиев И.З.-** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент декани факултети ҳуқуқшиносии, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон .

**Шарифзода Ф.Ш** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мирзоев А.М.**- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Ҳамаи муқарризон дар маҷмӯъ таҳқиқоти анҷомдодаро мусбат арзёби кардаанд. Дар баробари ин дар тақризҳо эродҳои алоҳидаи характери баҳснок дошта мавҷуданд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дорои тахассуси заруpи аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 − Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ва дорои нашрияҳои дахлдор оиди ба мавзӯи таҳқиқшаванда мебошанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси анҷом додани таҳқиқоти мазкур:**

- ғояҳои нави илмӣ ва тавсияҳо дар соҳаи институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ аз рӯи натиҷаҳои таҳлили меъёрҳои қонунгузории маданӣ, манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори ин соҳаи хизматрасонии коммуналиро танзимкунанда ва омӯзиши назарияҳои илмӣ коркард шудаанд.

- ақидаҳои асили илмии танзими маданӣ-ҳуқуқии институтҳои шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ баҳри мукаммал гардонидани меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ пешниҳод шудаанд.

- исбот шудааст, ки ҳадафи асосии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ қонеъ гардонидани талаботҳои маишии соҳибмулкони манзил, истеъмолкунандагони ниҳоӣ аст, ки дар фароҳам овардани шароитҳои бароҳат дар бинои бисёрхонагӣ, бо роҳи интиқоли захираҳои коммуналӣ тавассути шабакаҳои пайваста зоҳир мегардад; бо мақсади танзими ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиққунии босамар дар Кодекси мадании ҶТ ва Кодекси манзили ҶТ муқаррар кардани сохти ягонаи ҳуқуқии шартномаи таъмини захираҳои коммуналиро ҳамчун намуди мустақили шартномаи хариду фурӯш, барои

таъмини эҳтиёҷоти истеҳсолӣ ва маишӣ бо барқ, гармӣ, оби гарм ва хунук, дигар захираҳои коммуналӣ, мувофиқи мақсад мебошад.

- мафҳумҳои нав дар соҳаи институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ ҷорӣ карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

зери таърифи ҳуқуқии мафҳуми «хизматрасонӣ» танҳо худи интиқоли нерӯи барқ, оби нӯшокӣ, газ, нерӯи гармӣ ва оби гарм ҳамчун захираҳои коммуналӣ, фаъолият оид ба интиқоли захираҳо тавассути шабакаҳои мухталифи муҳандисӣ фаҳмида мешавад, бо вуҷуди ин, фаъолият оид ба интиқоли захираҳо (алоҳида аз захираҳо) барои истеъмолкунандагон аҳамият надорад, барои онҳо худи захираҳо дар манзилҳои истиқоматӣ ва биноҳои бисёрхонагӣ муҳим мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** методи диалектикии дарккунии воқеият ҳамчун усули асосии омӯзиши объективӣ ва маҷмӯии соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятро ташкил медиҳанд, истифода шудааст. Инчунин дар диссертатсия методҳои расмӣ-мантиқӣ (индуксия, дедуксия, таҳлил, синтез, фарзия, айният); методи низомӣ-сохторӣ дар раванди тавсифдиҳии унсурҳои асосии ҳуқуқии хизматрасониҳои коммуналӣ ва натиҷаҳои онҳо истифода шудаанд;

**Ақидае баён шудааст,** ки пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба соҳибмулкони манзилҳои истиқоматӣ, инчунин аломати асосии табиати муносибатҳо оид ба захиратаъминкунӣ мебошад, азбаски худи ҷараёни интиқоли захира аниқ ҳеҷ гоҳ ба интиқоли он ба ташкилоти идоракунанда, пас ба шаҳрванд ҷудо карда намешавад: захира дар як вақт аз ташкилоти захиратаъминкунанда ба истеъмолкунанда интиқол дода мешавад, ҷудо намудани муносибатҳои шартномавӣ байни интиқолдиҳандагони захираи барқ ва ташкилоти идоракунанда, пас байни ташкилоти идоракунанда ва шаҳрванд шартӣ мебошад, бо мақсади танзими ҳуқуқӣ ва мустаҳкамгардонии муносибатҳои уҳдадорӣ, маҷмӯи гуногуни ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҷавобгарии ҳар яке аз субъектон амалӣ гардонида мешавад.

- манбаҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ,

шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ ва шартномаи таъминоти барқ ва гармӣ ба аҳолӣ, ва муайян кардани мавқеи он дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва манзилӣ-ҳуқуқӣ таҳлил карда шудаанд;

- аломатҳо ва таснифоти хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти

ҳуқуқҳои маданӣ ва хусусиятҳои танзими шартномавии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ошкор гардидаанд;

- меъёрҳои ҳуқуқӣ, адабиёти илмӣ доир ба маҷмӯи масъалаҳои

танзими ҳуқуқии хизматрасонии коммуналӣ, мафҳуми хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти махсуси ҳуқуқҳои маданӣ омӯхта шудаанд;

- ақидаҳои доктриналӣ дар соҳаи институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ аз нав такмил дода шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** хулоса ва муқарраротҳои дар диссертатсия қайдшударо метавон дар таҳқиқотҳои минбаъда дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, алалхусус танзими шартномавӣ-ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ истифода намуд. Тавсия ва таклифҳои дар таҳқиқот пешниҳодшударо ба мақсади такмил додан ва мукаммал намудани қонунгузории ҶТ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ истифода намудан мумкин аст; натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ барои мақомотҳои ҳуқуқтатбиққунанда ҳангоми баррасии баҳсҳои аз шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ бароянда муфид хоҳанд гашт.

**Корҳои илмӣ-тадқиқотии алоҳидаи олимони ватанӣ ва россиягӣ чун** Ш.К. Ғаюров, Ш.М. Исмоилов, М.А. Маҳмудзода, Ҷ.С. Муртазозода, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, Ф.С. Сулаймонов, Ш.Т. Тағойназаров, Д.Д. Ҳошимов, М.М. Агарков, М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, О.А. Городов, О.С. Иоффе, С.М. Корнеев, П.Г. Лахно, О.Н. Садиков, С.А. Свирков, Б.М. Сейнароев, Е.А. Суханов, А.М. Шафир ва дигарон, омухта шудаанд.

**Тавсияҳо оид ба мукаммал гардонидани қонунгузории маданӣ ва манзил ва дигар қонунгузории дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ муаррифӣ гаштаанд.**

**Пешниҳод карда мешавад:**

а) Ба таври дуруст пайдо кардани фаҳмиши хизматрасонии коммуналӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ пешниҳод карда мешавад, ки таърифи мафҳуми «хизматрасонии коммуналӣ» бояд ба таври расмӣ дар Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасонии коммуналӣ дарҷ гардад ва шарҳ дода шавад.

б) Пешниҳод карда мешавад, то ки мафҳуми шартномаи идоракунии биноҳои бисёрхонагӣ дар таҳрири зерин ба қонунгузории манзил изҳор карда шавад: «Тибқи шартномаи идоракунии бинои бисёрхонагӣ (шартномаи идоракунии молу мулки умумии соҳибмулкони манзил дар бинои бисёрхонагӣ) як тараф (ташкилоти идоракунанда) бо фармоиши тарафи дигар (фармоишгар – соҳибмулки манзил дар бинои бисёрхонагӣ) ӯҳдадор аст дар мӯҳлати муқарраршуда таъмини хизматрасонӣ ва иҷрои корро оид ба нигоҳдории дуруст ва таъмири молу мулки умумӣ дар ин бино, таъмини хизматрасонии коммуналиро ба соҳибмулкони манзил дар ин бино ба анҷом расонад, тарафи дигар (фармоишгар – соҳибмулки манзил дар бинои бисёрхонагӣ) бошад ӯҳдадор аст барои хизматрасонии манзилӣ-коммуналии расонидашуда ва иҷрои корҳои таъмирӣ маблағ пардохт намояд».

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба ҷанбаҳои гуногуни институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои таҷдиди институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ, асос меёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии рисоланавис дар ҳолатҳои зерин инъикос меёбад: пешниҳоди навгонӣ ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, бо як услуби хоси навишт, ки марбут ба муаллиф аст, нашри мақолаҳои илмӣ, оид ба маводи рисолаи номзадӣ пайваста дар шакли маърӯза баромад кардан дар ҳамоишҳои илмӣ ва ғайра. Ҳамзамон, дарёфти мушкилот ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он дар рисолаи номзадӣ саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсиони аз 22 апрели соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Атаев Акмалхон Саидумарович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор – нест, бюлетени тақсимнашуда 1 адад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

22-уми апрели соли 2025